АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: info 07-@ahd.tj

**№ 03-428 аз « 5 » феврали соли 2021**

**Ба №_________ аз «___» ____________ соли 20__**

Вазорати адлия
Вазорати рушди иқтисод ва савдо
Вазорати молия
Вазорати корҳои хориҷӣ
Кумитаи андоз
Кумитаи ҷавонон ва варзиш

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647»-ро мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» такроран барои баррасӣ ирсол менамояд.

Хоҳишмандем, ки хулосаи худро дар муҳлатҳои муқарраргардида пешниҳод намоед.

Замима: Лоиҳа бо забонҳои тоҷикию русӣ ва асосноккунии он дар 8 саҳифа.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ

Ҷ.Давлатов

Лоиҳаи

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647

Мувофиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бо мақсади такмили низоми интихоби кадрҳои хизмати давлатӣ ф а р м о н м е д и ҳ а м:

Ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 «Оид ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» тасдиқ карда шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- ба банди 3 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Хизматчиёни давлатии тибқи хулосаи комиссияи аттестатсионӣ аз мансаб озодгардида, метавонанд дар озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии категорияи пасттар (ишғолкунандагони мансабҳои категорияҳои ҳафтум барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии категорияи ҳафтум баъди гузаштани шаш моҳи тақвимӣ) иштирок намоянд.»;

- дар сархати чоруми банди 4 баъди калимаҳои «дар асоси» калимаҳои «натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ ё» илова карда шаванд;

- банди 31 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

-«31. Комиссияи озмун баъди анҷоми муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо амалҳои зеринро иҷро менамояд:

- баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва муайян намудани мувофиқати довталабон ба талаботҳои тахассусии мансабҳои холӣ на дертар аз 3 рӯзи корӣ;

- муайян намудани зарурат ва муқаррар намудани санҷиши пешакии инфиродӣ ё гурӯҳӣ, аз ҷумла навиштани иншо, кори хаттӣ, диктант ё санҷиши тестӣ (минбаъд-санҷиши пешакӣ) дар муҳлати на дертар аз 3 рӯзи корӣ баъди баррасии ҳуҷҷатҳо;

-муқаррар намудани меъёри холи (баҳои) гузариш аз санҷиши пешакӣ, вақт ва маҳалли баргузории санҷиши пешакӣ;

- ҷалби мутахассисон барои гузаронидани санҷиши пешакӣ;

- муайян намудани вақт ва маҳалли баргузории суҳбат бо довталабон ва меъёри холи (баҳои) гузариш (аз 15 то 25 вобаста ба категорияи мансабҳо) дар муҳлати на дертар аз 3 рӯзи корӣ»;

- даъвати довталабон ба санҷиши пешакӣ ё ба суҳбат дар муҳлати на дертар аз 2 рӯз то баргузории санҷиши пешакӣ ё суҳбат;

- қабули қарорҳо аз натиҷаи баррасии ҳуҷҷатҳо, санҷиши пешакӣ ва суҳбат;

- хабардор намудани довталабон аз натиҷаи баррасии ҳуҷҷатҳо, санҷиши пешакӣ ва суҳбат дар муҳлати на дертар аз 1 рӯзи баъди қабули қарори комиссияи озмун.»;

- банди 36 хориҷ карда шавад:

- матни банди 37 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

- «37. Суҳбат бо ҳар як довталаб алоҳида гузаронида мешавад. Дар рафти суҳбат сатҳи донишҳои касбӣ, донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, забони давлатӣ, таърих ва фарҳанг, забонҳои хориҷӣ, маҳорати кор бо технологияҳои иттилоотӣ (электронӣ)-и довталабон, ки дар варақаи баҳодиҳии сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории довталабон пешбинӣ шудаанд, муайян карда мешавад (замимаи 2). Меъёри баҳодиҳӣ аз 2 то 5 хол мебошад. Барои занон, шахсони хизмати ҳарбиро тибқи даъват адонамуда ва сокини шаҳру ноҳияҳои наздисарҳадии дар ҳифзи сарҳади давлатӣ иштироккнамуда, ки бори нахуст ба хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот қабул мегарданд, се хол илова карда мешавад.»

- матни банди 39 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

-«39. Ҷаласаи ҷамъбастии комиссияи озмун баъди анҷоми суҳбат бо довталабон баргузор гардида, номзадҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ тавсия дода мешаванд. Қарори комиссияи озмун дар ғоибии довталаб қабул карда мешавад. Довталаб дар ҳолати ба даст овардани баҳои баландтари холи гузариши муқарраршуда аз озмун гузашта ҳисобида шуда, барои таъин пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми баробар будани холи гузариши довталабон ба мансаби холии дахлдор довталаби аз озмун гузашта бо пешниҳоди раиси комиссияи озмун муайян карда мешавад. Комиссияи озмун ҳуқуқ дорад дигар довталабони холи гузариш ба даст овардаро барои таъин ба мансаби холии категорияи баробар ё пасттари ҳамин мақоми давлатӣ пешниҳод намояд. Дар чунин ҳолат таъин бояд дар муҳлати то 6 моҳ бо риояи талаботи тахассусӣ амалӣ карда шавад».

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Замимаи 2
ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ

Варақаи
баҳодиҳии сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории довталабон

Номи мақомоти давлатӣ ______________________________
Номи пурраи мансаб ______________________________
Санаи баргузории озмун «____» ____________________соли ______

| Р/т | Насаб, ном, номи падари довталаб | Сифатҳои касбӣ | | Қобилияти корӣ | | | Имтиёзи пешбининамудаи банди 37 Низомномаи мазкур * | Ҷамъи холҳо | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Донишҳои касбӣ | Донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | Донистани забони давлатӣ, таърих ва фарҳанги Тоҷикистон | Донистани забонҳои хориҷӣ | Маҳорати кор бо технологияи иттилоотӣ (электронӣ) | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

Эзоҳ: *Дар сутуни 8 ҳангоми мувофиқати довталаб ба имтиёзи пешбинигардидаи банди 37 Низомномаи мазкур 3 хол илова карда мешавад.

Узви комиссия ____________________ ______________________________
(имзо) (насаб, ном, номи падар)

Проект

# УКАЗ
# ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## О внесении изменений и дополнений в указ Президента Республики Таджикистан от 10 марта 2016 года, №647

В соответствии со статьей 56 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» и с целью совершенствования системы подбора кадров государственной службы постановляю:

В Положении о порядке проведения конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы, утвержденное указом Президента Республики Таджикистан от 10 марта 2016 года, №647 «О Положении о порядке проведения конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы», внести следующие изменения и дополнения:

- в пункте 3 второе предложение изложить в следующей редакции: «Государственные служащие, освобождённые от занимаемой должности согласно заключения аттестационной комиссии могут принять участие в конкурсах на занятие вакантных административных должностей низшей категории (лица, занимаемые должности седьмой категории для занятия вакантных административных должностей седьмой категории после шести календарных месяцев).»;

- в четвертом абзаце пункта 4 после слов «на основании» дополнить словами «результата оценки деятельности государственного служащего или»;

- пункт 31 изложить в следующей редакции:

- «31. Конкурсная комиссия после окончания приёма документов выполняет следующие задачи:

- рассмотрение представленных документов и определение соответствия кандидатов квалификационным требованиям вакантных должностей не позднее 3 рабочих дней;

- определения необходимости и установления индивидуальной или групповой формы предварительной проверки, в том числе, написание сочинения, письменной работы, диктанте или тестирования (далее – предварительная проверка), сроком не позднее 3 рабочих дней после рассмотрения документов;

- определение времени, места проведения предварительной проверки и критерий проходного балла (оценки) предварительной проверки;

- приглашения специалистов для проведения предварительной проверки;

- установление норм проходного балла (оценки) (от 15 до 25 согласно категории должностей), времени и места проведения собеседования с кандидатами, сроком не позднее 3 рабочих дней»;

- приглашение кандидатов для предварительной проверки или на собеседование, сроком не позднее 2 дней до проведения предварительной проверки или собеседования;

- принятие решения о результатах рассмотрения документов, предварительной проверки и собеседования;

- информирование кандидатов о результатах предварительной проверки и собеседования, сроком не позднее 1 дня после принятия решении конкурсной комиссии.»;

- пункт 36 исключить;

- текст пункта 37 изложить в следующей редакции:

-«37. Собеседование проводится с каждым кандидатом индивидуально. В ходе собеседования определяется уровень профессиональных знаний, знание нормативных правовых актов, государственного языка, истории и культуры, иностранных языков и умение работы с информационными (электронными) технологиями кандидатов, предусмотренных в ведомости оценки профессиональных качеств и деловых способностей кандидатов (приложение 2). Критерии выставления оценок определяются от 2 до 5 баллов. Для женщин, лиц, проходивших по призыву воинскую службу и лиц, проживающих в приграничных городах и районах, участвовавших в защите государственной границы при первом назначении на государственную службу в государственные органы и органы самоуправления поселков и сёл, прибавляется три балла.»;

- текст пункта 39 изложить в следующей редакции:

-«39. Итоговое заседание конкурсной комиссии проводится после завершения собеседования с кандидатами, и кандидаты представляются на замещение вакантных должностей. Решение конкурсной комиссии принимается в отсутствии кандидата. Кандидат, в случае получения наивысшей оценки от установленного проходного балла, считается прошедшим конкурс и представляется к назначению. При равенстве проходного балла кандидатов на соответствующую должность, кандидат, прошедший конкурс, определяется по представлению председателя конкурсной комиссии. Конкурсная комиссия имеет право по результатам собеседования представлять других кандидатов, получивших проходной балл, на вакантную должность равной или ниже категорией этого государственного органа. В таких случаях назначение должно осуществляться в период до 6 месяцев с соблюдением квалификационных требований».

Президент
Республики Таджикистан

(050281 (АГС)

Приложение 2
к Положению о порядке проведения конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы

Ведомость
оценки профессиональных качеств и деловых способностей кандидатов

Название государственного органа____________________________________
Полное название должности ____________________________________
Дата проведения конкурса «____» _____________________ года_______

| № п/п | Фамилия, имя, отчество кандидата | Профессиональные качества | | Деловые способности | | | Льготы предусмотренные пунктом 37 настоящего Положения* | Общие баллы | Примечание |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Профессиональные знания | Знание нормативных правовых актов | Знание государственного языка, истории и культуры Таджикистан | Знание иностранных языков | Умение работы с информационными (электронными) технологиями | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

Примечание: *В колонке 8, при соответствии кандидата предусмотренным льготам пункта 37 данного Положения, добавляется 3 дополнительных балла.

Член комиссии ____________________ ____________________________
(подпись) (фамилия, имя и отчество)

ццЫонсоссТОМ 050224 (АГС)

Асосноккунии
лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647»

Лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647» аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҷиҳати такмил ва ба шароити муосир мувофиқ намудани санади мазкур таҳия карда шудааст.

Мақсади таҳияи лоиҳаи мазкур аз такмили Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 тасдиқ карда шудааст), тақвияти раванди интихоби кадрҳои соҳаи хизмати давлатӣ бо роҳи арзёбии сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории довталабон, алоқаманд намудани Низомномаи мазкур бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба идоракунии захираҳои инсонӣ ва пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ ҳангоми интихоби хизматчиёни давлатӣ ва ҷобаҷогузории кадрҳо иборат мебошад.

Дар лоиҳа ҳолатҳои иштироки довталабон дар озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, аз ҷумла дар ҳолати баъди хулосаи комиссияи аттестатсионӣ ба мансаби пасттар тавсия гардидан ё аз мансаб озод гардидан мушаххас карда шуд. Мувофиқи тағйироти мазкур чунин хизматчиёни давлатӣ танҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии категорияи пасттар (ишғолкунандагони мансабҳои категорияҳои ҳафтум баъди гузаштани шаш моҳи тақвимӣ танҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии категорияи ҳафтум) дар озмунҳо бо риояи талаботи тахассусӣ ҳуқуқи иштирок карданро доро мебошанд.

Дар як вақт вобаста ба ҳолатҳои беозмун ба мансаб таъин намудан ба банди 4 Низомномаи мазкур ба сархати чорум тағйирот оид ба таъин намудан ба мансаби баландтар дар асоси натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ илова пешниҳод карда мешавад.

Вобаста ба мушаххас намудани фаъолияти комиссияи озмун баъди анҷоми мухлати қабули ҳуҷҷатҳо банди 31 Низомномаи мазкур дар таҳрири нав пешниҳод карда шуда, банди 36 хориҷ карда шудааст.

Ҳамчунин дар банди 37 Низомномаи мазкур бо мақсади дастгирии шаҳрвандоне, ки дар шаҳру ноҳияҳои наздисарҳадӣ зиндагӣ карда, дар ҳифзи сарҳади давлатӣ иштирок намуда, бори аввал ба хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот пешниҳод мегарданд, имтиёз пешбинӣ гардида, ҳангоми суҳбат аз ҷониби аъзои комиссияи озмун се холи иловагӣ зам карда мешавад.

Инчунин ба варақаи баҳодиҳии сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории довталабон тағйирот ворид карда шуда, дар он 5 сутуни баҳогузорӣ вобаста ба сатҳи донишҳои касбӣ, донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, забони давлатӣ, таърих ва фарҳанги Тоҷикистон, забонҳои хориҷӣ, маҳорати кор бо технологияҳои (электронӣ) иттилоотӣ пешбинӣ гардид.

Аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ лоиҳаи мазкур аз 11 ноябри соли 2020, №03-2338 ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, вазоратҳои корҳои хориҷӣ, адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, кумитаҳои андоз, ҷавонон ва варзиш барои мувофиқа пешниҳод гардида буд.

Аз натиҷа вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи ҷавонон ва варзиш лоиҳаи мазкурро пурра ҷонибдорӣ намуда, дар як вақт аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия лоиҳа дасгирӣ ва хулосаи экспертизаи давлатии зиддикорупсионӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар як вақт пешниҳодҳои вазоратҳои корҳои хориҷӣ (вобаста ба матни русии лоиҳа), адлия (дар хусуси иваз намудани калимаи «мувофиқи» ба калимаи «мутобиқи» ва дар қисми муқаддимавӣ пурра навиштани номи фармон, таҷдиди назар намудани тағйироти бандҳои 3 ва 31) ба инобат гирифта шуданд.

Пешниҳоди Кумитаи андоз дар хусуси ба банди 3 илова намудани ҷумлаи нав дар шакли «хизматчиёни давлатие, ки тибқи хулосаи комиссии аттестатсионӣ ба мансаби паст тавсия гардидаанд, баъди гузаштани 1 сол метавонанд бо тартиби озмун ба мансаби баланд таъин гарданд» бо назардошти танзими он дар банди 48 Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №468 тасдиқ карда шудааст (яъне баъди гузаштан аз аттестатсияи такрорӣ дигар монеа барои болоравии мансабӣ вуҷуд надоштан) ба инобат гирифта нашуд.

Лоиҳа бо назардошти таклифу пешниҳоди вазоратҳои адлия, корҳои хориҷӣ ва Кумитаи андоз такмил дода шудааст.

Татбиқи лоиҳа маблағгузории иловагии буҷетиро талаб намекунад.

Бо назардошти асосҳои зикргардида ва талаботи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳаи мазкур баъди такмил такроран барои мувофиқа ба Шумо пешниҳод карда мешавад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳ: Аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647» ҷиҳати такмил ва ба шароити муосир мувофиқ намудани Низомномаи мазкур таҳия карда шудааст.

Мақсади таҳияи лоиҳаи мазкур тақвияти раванди интихоби кадрҳои соҳаи хизмати давлатӣ бо роҳи арзёбии сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории довталабон, алоқаманд намудани Низомномаи мазкур бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба идоракунии захираҳои инсонӣ ва пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ ҳангоми интихоби хизматчиёни давлатӣ ва ҷобаҷогузории кадрҳо иборат мебошад.

Мувофиқи талаботи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳаи мазкур аз 5 феврали соли 2021, №03-428 барои баррасӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ ирсол карда шудааст.

Ҳамзамон лоиҳаи мазкур дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ ҷиҳати шиносоӣ, омӯзиш ва ирсоли эроду пешниҳодоти дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандон ҷойгир карда шудааст.

Хоҳишмандон метавонанд эроду пешниҳодоти худро тариқи хаттӣ ё тавассути сомонаи мазкур бо почтаи электронии 03-@ahd.tj унвонии Агентии хизмати давлатӣ ирсол намоянд.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон